Маҷаллаи илмӣ - оммавӣ ва фарҳангӣ

# Неруи хирад




1/2022



*«Акнун замоне фаро расидааст, ки мо низ бояд мисли дигар кишварҳои пешрафтаву мутамаддин пайваста дар андешаи пок ва солим нигоҳ доштани забони давлатии худ бошем, вуруди ҳар як унсури навро ба забон дар асоси меъёрҳои адабӣ танзим намоем ва дар навбати аввал ба ҳама гуна ғалатгӯиву ғалатнависӣ хотима бахшем».*

**Эмомалӣ Раҳмон**



Дар баробари ин дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр гардидааст, ки дар лаҳзаҳои ҳассос занони тоҷик дар қатори мардон мардо-нагиву шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон додаанд. Намунаи ин қаҳрамониҳоро дар фаъолияти Малика Томирис, қаҳрамониҳои Рухшона, чил духтари покдомани хатлонӣ, ҷонфишониҳои Гурдофарид ва ватандӯстии Ойгул Муҳаммадҷонова, духтари Октябр Низорамоҳ Зарипова дида метавонем.

Маърифати зан ба фарзандонаш таъсири амиқ расонда, агар модар китобхон, боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарашонро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд.

Маҳз ҳамин таҷрибаҳоро омӯхта, дар бунёди ҷомеаи демократии Тоҷикистони соҳиб-истиқлол ба маърифати зан таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ба ин хотир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва паёмҳои ҳарсолаашон ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа диққати ҳамагонро ҷалб месозанд. Зеро занон дар ҷомеаи Тоҷикистон 50 фоизи аҳолиро ташкил карда, дар пешрафти соҳаи мухталифи хоҷагии халқи мамлакат нақши муассир мебозанд. Аммо дар замони ҳозира талабот ва фаъолияти занон дар корҳои давлатӣ бештар аст. Зиёдтар ҷалб кардани бонувон ба кор дар муассисаҳои тиббӣ, давлатӣ ва хидмати давлатӣ, соҳибкорӣ пурманфиат арзёбӣ мешавад.

Ба ҳамин хотир Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармон дар бораи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеаро содир кард.

Зимни ин фармон барномаҳои давлатӣ таҳия гардида, пайи амал қарор гирифтаанд. Ҳадаф аз татбиқи барномаҳо натанҳо баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа, балки дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ назаррастар кардани фаъолияти занон мебошад.

Ҳоло дар Ҷумҳуриамон фаъолияти занон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, соҳибкорӣ бештар буда, дар корҳои давлатӣ низ сол то сол шумораи онҳо меафзояд.

Дар фарҳанги исломӣ ҷойгоҳи махсуси модарон -занон ва духтарон дар хонавода ва ҷомеа ба хубӣ ва дақиқ муайян шудааст. Нақши муҳим ва таъсиррасонии мусбати онҳо чӣ дар муҳити хонавода ва чӣ дар ҷомеа эҳсос карда мешавад.

***Бузурге фармудааст:***

Ҷомеае фаъол шумурда мешавад, ки дар он занон мавқеи пешоҳангӣ дошта бошанд. Пас суоле матраҳ мешавад, ки кадом гурӯҳи занон дар ҷомеа пешоҳангиро ухда карда метавонанд? Маҳз ҳамон заноне дар ҷомеа фаъол буда метавонанд, ки соҳибмаърифатанд.

Оё зани муосир соҳибмаърифат аст? Суоле ҳаст, ки доимо бояд дар мадди назар бошад. Баъзан ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба масъалаи омӯзиши занон, соҳибкасб гардидани онҳо кам аҳамият дода мешавад. Ин гуна рафтор ба талаботи замон мувофиқ нест. Вақти он аст, ки аз суханпардозӣ ва ҳисоботпуркуниҳо даст кашида, ба кори амалӣ гузарем. Тарбияти занони бомаърифатро дар оила, дар мактаб ва ҷомеа мақсаднок ташкил намоем. Манзур аз ин иддаоҳо тарбияи духтарон дар мактаб ва оила бошад. Ин ду ниҳод метавонанд дар алоқамандӣ тарбияи фарҳанги оиладорӣ, касбомӯзӣ ва соҳибилм шудани духтаронро, ки занону модарони ояндаи мояанд, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд.

Имрӯзҳо бо шарофати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон- сарвари дурандешу ғамхори миллати тоҷик дар самти баргузории барномаҳои давлатӣ, оид ба баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа барои занони тоҷик дастгирии беандоза аст.



# МУНДАРИҶА

***Пешгуфтор***

3. Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ

7. *Таърихи рушди китобхонаҳои рақамӣ.* — **Холиқов Т.Х.**

12. *Нақши китобхона дар рушди маърифати ҷомеаи муосир* — **Гулнора Б.**

17. *Таҳқиқи заминаҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди инноватсия дар соҳаи китобдории тоҷик* — **Шариф К.**

23. *Таърихи пайдоиши китоб* — **Назарова Д.Р.**

26. *Фоидаҳои китобхонӣ дар зиндагӣ* — **Шукурова Д.**

29. *Рисолати ҷавонмардӣ ва ҳимояи арзишҳои миллӣ аз назари китобдори ҷавон* — **Файзуллозода Ч.**

31. *Мақоми зан дар ҷомеа* — **Хоҷаева Н.**

***Маҷаллаи илмӣ - оммавӣ ва фарҳангӣ***

Нерӯи хирад

**Муассис:**
Китобхонаи давлатии патентию техникӣ

Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишонӣ: 734042 ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ 14а

***Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 243 / МҶ-97 аз 12.04.2022 ба қайд гирифта шудааст.***

**Сармуҳаррир:** Т. Холиқов
**Масъули нашр:** Сидиқов М.
**Ҳайати мушовара:** Раҷабзода П.
**Ҳайати таҳририя:** Сидиқов М., Бутаева Г., Назарова Д.
**Муҳаррир:** Сидиқов М.
**Ороиши компютерӣ:** Сидиқов Э.

**Масъулияти саҳеҳии маълумотҳо, санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.**

*Ба чоп имзо шуд: 16.05.2022*
*Ҷузъи чопи: 2,2*
*Адади нашр: 100 дона*

# ПЕШГУФТОР

Матбуот, пайвандгари тавонову ногусастании замонҳову наслҳо ба шумор рафта, нерӯи аҳлонии ҳар миллат дар саҳифаҳои он дарҷ гардида, ҷиҳати инкишофи дунёи маънавии инсон-китоб ва муқаддастарин воситаи зиндагӣ ба шумор рафта, рӯзномаву маҷалла, таҷассумкунандагони дараҷаи тараққиёти илму фарҳанг, маориф, иқтисодиёт буда, ҳамчунин ба ташаккули давлату давлатдорӣ мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосии таъсиси маҷаллаи «Нерӯи хирад», барои муайяну мушаххас намудани фаъолияти китобдорӣ, вазъи воқеии фаъолияти китобхона дар даврони Истиқлол, баррасии мавзӯъҳо оид ба ташкили сомонаҳои интернетии китобхонаҳо, технологияҳои иттилоотӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни китобхонаҳо, технологияҳои иттилоотӣ, андешидани чораҳо вобаста ба баланд бардоштани фарҳанги хизматрасонӣ, нуфузи китобхона, савияи дониш ва такмили ихтисоси кормандони китобхона, ҷустуҷӯи босифат ва оҷилии сарватҳои иттилотӣ, тарғибу ташвиқи соҳа дар байни наврасону ҷавонон ва таъмини дастёбии хонандагон ба сарчашмаҳои интернетӣ нигаронида шудааст.

Дар оғози асри XXI рӯзномаю маҷалла дар пешрафти ҷомеа ва қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни инсоният моҳияти аввалиндараҷа пайдо намуда истодааст. Таъсиси маҷаллаи «Нерӯи хирад» дар арсаи матбуоти тоҷик ҷиҳати дастрасии иттилоот оид ба соҳаҳои моликияти зеҳнӣ, китобдорӣ, китобхонашиносӣ ва оммавият бахшидан ба як рукни фарҳанг-китобхонаҳо қадами дигаре хоҳад шуд.

«Нерӯи хирад» ном гирифтани маҷалла рамзӣ буда, моҳияти луғавии он аз «Нерӯ-тавон, зӯр, қудрат, иқтидор, қувват ва «Хирад-фаҳм, хуш, маърифат, дониш, илм, савод, зеҳн» мебошад.

Маҷаллаи «Нерӯи хирад»-и Китобхонаи давлатии патентию техникӣ, ки таҳти сарпарастии Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад, дар замони муосир барои рушду равнақи илм, тарғиби адабиёти техникӣ, мавзӯъҳо дар масъалаҳои моликияти зеҳнӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истифодабарандагон нигаронида мешавад. Маҷалла дар як сол 3-4 маротиба нашр гардида, дар он матолиб таҳти сарлавҳаҳои (рубрика) «Мақом ва имкониятҳои китобхона; китобхонаи электронӣ; сарчашмаи ҳуҷҷатҳои патентӣ; гӯшаи ихтироъкорон ва навоварон; китобдор; дӯсти ман Интернет; хазинаи иттилооти илмӣ-техникӣ; дар масири таърих; фаъолони китобхона; гӯшаи маҳфилҳо; равобит; монография; адабиётҳои нав ва ғ.», ба дасти чоп хоҳанд расид.

Ҳайати таҳрир ва мушовараи маҷаллаи «Нерӯи хирад» умедворанд, ки дар рангину хонданбоб гардонидани он аҳли маориф, фарҳанг, илм ва иноватсия, бахусус кормандони «Маркази миллии патенту иттилоот» бо чопи маводҳои зарурии соҳавӣ ширкат варзида, ба хони матбуоти тоҷик ва фазои иттилоотии кишвар неъмати дигаре изофа намоянд.

Директори
Муассисаи давлатии
“Маркази миллии патету иттилоот”-и
Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ
**Исмоилзода М.Ҳ**



ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, муаррифии таърихи қадимаи тоҷикон ва фарҳанги бостониву ғании миллатамон мебошад.

Китобхонаҳо аз рӯзгорони куҳан инҷониб маркази ҳамоиши аҳли хирад ва адаб буда, хушбахтона, ин вижагии худро то замони мо интиқол додаанд. Таърих собит месозад, ки ҷомеаи башарӣ барои такомулбахшии афкору ҷаҳонбинӣ ҳамеша ниёзи маънавӣ ба китобу мутолиа дорад. Зеро, ба қавли ҳакими юнонӣ Суқрот, ҷомеа ҳамон вақте ба фарзонагӣ ва саодат ноил мегардад, ки кори рӯзонааш мутолиаи китоб бошад. Барои инсон, новобаста аз вазифа, бахти бузург аст, ки барои мутолиаи китоб дар китобхона фурсат дошта бошад ва ҳам ба дӯстдорони китоб хизмат расонида рисолати ҷавонмардиро иҷро ва ба арзишҳои миллӣ арҷ

# Мақоми зан дар ҷомеа

## Зан

*дар оилаи тоҷикон ҳамеша нақши асосӣ дошт ва дорад. Зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан буда, ба зиндагии аҳли хонадон таровату покизагӣ мебахшад.*

Аз ин рӯ, аз оғози таърих то имрӯз мардуми мо ба маърифатнокишавии зан аҳамияти хоса дода, кӯшидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд. Дар зиндагӣ пешоҳанг будани зан ва маърифатнок буданаш имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон ва дигар аъзои оила маърифатнок тарбият ёбанд. Ин талабот асоси фарҳанги оиладориро ташкил медиҳад. Барои ҳамин ҳам ба хотири устувории оила дар заминаи муҳаббати самимӣ ба якдигар дар ҷомеаи мо оила бунёд мекунанд. Пеш аз он ки фарзандон ба ҳаёти мустақилона гусел карда шаванд, онҳо бояд аз нозукиҳои оиладорӣ, одоб, муошират, муносибат, хуллас аз маҷмуи талаботи моддию маънавӣ огоҳӣ дошта бошанд. Аз ҷумла, ба тарбияи духтарон ба ин мақсад аҳамияти зарурӣ дода шуда, ҳанӯз аз хурдӣ ба онҳо тарзи муносибат, муошират омӯзонда мешавад.

Дар он давраи Тоҷикистони тозаистиқлол, ки масъалаи таъмини амну субот аз масъалаҳои аввалиндараҷа махсуб меёфт, ҳалли бисёр проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ низ ба он иртиботи зич дошт, кори басо заҳматталаб ва пурмасъулият буд ва барои сарвари давлату ҳукумати навтаъсис имтиҳони ҷиддии таърихӣ ба ҳисоб мерафт. Бо мурури замон маълум ва собит гардид, ки роҳи интихобкардаи Роҳбари давлати тоҷикон хато набуд ва роҳи наҷоти миллату давлат ва заминагузорӣ бахри шукуфоии фардои кишвар гардид. Дар ин маврид Пешвои миллат изҳор дошта буданд, ки “Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам”.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон давоми фаъолияти худ ҳамчун Сарвари давлат дар мавриди мубориза алайҳи терроризм ва ифротгароии хушунатомез мавқеи устувор ва ягонаро молик буда, дар мавриди амнияту осоиштагии на танҳо Тоҷикистон ва минтақа балки тамоми олам кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Таҳлилу баррасии суханрониҳои Пешвои миллат дар минбарҳои баланде чун Созмони милали муттаҳид, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, вохӯриҳои сарони кишварҳо дар сатҳи баланд ин нуктаро собит месозад. Мо ҷавонон доимо дар паҳлуи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон мавқеъи гирифта, рисолати ҷавонмардиамонро ба ҷо оварда, дар ин роҳ мо ҳимоятгари Истиқлоли Ватан, ҳомии якпорчагии сарзамин ва таҳкимбахши Ваҳдати миллӣ ҳастем. Ҷавонон – нерӯи созанда ва бунёдкори Тоҷикистони азиз шинохта шуда, дар ҳама соҳаҳо нақши дастони онҳо бориз ба назар мерасад.

Дастовардҳо дар самти китобу китобдорӣ, рушди Китобхонаҳо ва аз нав эҳё кардани соҳаи китобдорӣ, рисолати ҷавонмардӣ ва ҳимояи арзишҳои миллӣ аз назари китобдори ҷавон ба мақсад мувофиқ аст, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тољикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 21 декабри 2021, омадааст; «Ифтитоҳи бинои нави Китобхонаи миллӣ барои 10 миллион нусха китоб дар пойтахти мамлакат–шаҳри Душанбе, баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии китоб, озмунҳои гуногун, махсусан, озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», нашри силсилакитоби «Ахтарони адаб» иборат аз панҷоҳ ҷилд, ба ҳар як оилаи кишвар ба таври ройгон дастрас гардидани шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, таҷлили Рӯзи китоб, бунёди даҳҳо театр, қасрҳои фарҳанг, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангу фароғат дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ва сафарҳои ҳунарии аҳли фарҳанги мо ба даҳҳо кишвари дунё аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанги миллӣ ба шумор мераванд».

Хотирнишон месозам, ки ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои «Илм–фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон–Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ва олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад.

Тавре ки мушоҳида мегардад, ҳоло дар ҷомеаи мо насли нави соҳибистеъдод, илму донишдӯст ва фарҳангпарвару забондон ба камол расида истодааст ва мо бояд онҳоро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намоем.

Зикр бояд кард, ки ҳадаф аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар бахши фарҳанг ва маориф дар ҳамкорӣ бо ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид оид ба фарҳанг, илм ва маориф (ЮНЕСКО) таҳкими раванди муколама оид







# ШӮРОИ МАЪМУРИИ ТАШКИЛОТИ ПАТЕНТИИ АВРУОСИЁӢ

Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ (ШМ ТПАО) макоми олии ТПАО буда, фаъолияти ташкилот ва идораи патентии Авруосиёро назорат менамояд. Фаъолияти Шӯрои мазкур тибқи Конвенсияи патентии авруосиёӣ (Конвенсия), Дастурамали маъмурӣ ва қоидаҳои тартиби Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ танзим карда мешавад.

Тибқи Конвенсияи патентии авруосиёӣ дар ШМ ТПАО ҳар як кишвари аъзои Конвенсия иштирок менамояд. Бояд қайд намуд, ки Раисии шӯрои мазкурро барои солҳои 2021-2022 Ҷумњурии Тоҷикистон ба зимма дорад. Дар давоми солҳои мазкур намояндаи ваколатдор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шӯрои мазкур Директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо – Мирзо Исмоилзода ҷаласаҳои Шӯрои номбурдаро роҳбарӣ менамояд.

Аз соли 2021 то инҷониб бо Раиси Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёгӣ – Директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо Мирзо Исмоилзода чаҳор ҷаласаҳои Шӯрои мазкур баргузор гардид, аз ҷумла:

1. Санаи 12-уми апрели соли 2021, ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ тариқи маҷозӣ (фосилавӣ) бо иштироки намояндагони давлатҳои аъзо баргузор гардид.

Дар ҷаласа як қатор масъалаҳо, бахусус санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми намунаи саноатии Идораи патентии Авруосиёӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, нисбати онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардид.

Қабули аризаҳо вобаста ба намунаҳои саноатӣ аз тарафи Идораи патентии Авруосиёӣ дар асоси Протокол “Оид ба ҳифзи намунаҳои саноатӣ» аз санаи 1- уми июни соли ҷорӣ мавриди амал қарор дода шуд.

2. Санаҳои 9-10 августи соли 2021 дар қароргоҳи Идораи патентии Авруосиёӣ (ИПАО) дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ҷаласаи сиву ҳаштуми (ёздаҳуми ғайринавбатӣ) Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ баргузор гардид.




Ҷаласаи Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ 12.04.2021с.

Дар корӣ ҷаласа аъзоёнӣ ҳамаи кишварҳои узви Конвенсияи патентии авруосиёӣ иштирок намуда, дар он масъалаи асосии рӯзномаи ҷаласа ин интихоботи номзадҳо ба вазифаи Президенти Идораи патентии Авруосиёӣ буд. Кишварҳои узви Конвенсияи патентии авруосиёӣ се номзадро ба ҳайси Президенти минбаъдаи ИПАО Григорий Ивлиев аз Федератсияи Россия; Динара Молдошева аз Ҷумҳурии Қирғизистон ва Сауле Тлевлесова аз Ҷумҳурии Қазоқистон пешбарӣ шуданд.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ, намояндаи ваколатдори аъзои Конвенсия бо бартарияти овозҳо сардори Хадамоти федералии моликияти зеҳнии Федератсияи Россия Ивлиев Григорий Петрович ба вазифаи Президенти ИПАО интихоб карда шуд, ки номбурда аз санаи 11 феврали соли 2022 ҳамчун Президенти тозаинтихоби ИПАО фаъолиятро оғоз намуд.



Ҷаласаи Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ 09.08.2021с.





# РИСОЛАТИ ҶАВОНМАРДӢ ВА ҲИМОЯИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ

## *аз назари китобдори ҷавон*



**Файзуллозода ЧОРЁР,**
*китобдори пешбурди КДПТ*

Ҳар як марҳилаи таърихии ин ва ё он давлат аз лиҳози рушду инкишоф ва ҳифзи амнияту субот ба давраи роҳбарии сарвари он вобастагии зич дорад. Марҳилаи нави таърихи давлатдорӣ ба мардуми тоҷик сарвару Пешвои воқеан миллиро эҳдо намуд, ки мо имрӯз бо ифтихору сарбаландӣ аз он ҳарф мезанему меболем. Ба ёд овардани давраҳои ноороми, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бисёр риққатовар ва ҳузнангез аст. Дар чунин шароити вазнин, ки дар рӯҳияи аксарияти ҳамватанони мо, ба даст гирифтани ҷилави ҳукумату давлатдорӣ тасмими сода ва осон набуд, дар он ҳангом ҷавонмарде бо ҳисси баланду дилсӯзӣ ва эҳсосоти амиқ ба сарнавишти ояндаи давлату миллати тоҷик бо ҷуръату шуҷоати нотакрор ва бо замири саршор аз хушбинӣ ва некройӣ ба ҳайси Сарвари давлати тоҷикон баргузида шуд ва инони давлатдориро ба дасти худ гирифт.

Дар яке аз муроҷиатҳои худ ҳанӯз соли 1992 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуда буданд, ки: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои ободиву пешрафти Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам”.

### 4. Таҳкими ҳамдилӣ.

Ҳамдилӣ ва дарки дигарон, ки танҳо бо қарор додани худ дар ҷои дигарон пайдо мешавад, метавонад дар натиҷаи ғарқ шудан дар баҳри мутолеот ба вуҷуд ояд. Тибқи таҳқиқоти паҳншуда дар маҷаллаи ONE PLOS (Ван Плос) хондани достонҳо ва афсонаҳои ҷолиб метавонад ҳамдилӣ ва ҳамэҳсосиро дар инсон тақвият диҳад.

### 5. Афзоиши огоҳӣ.

Ҳар чизе, ки мехонед, ба донишҳои қаблиатон чизи наверо изофа мекунед. Агарчи чизҳои кӯчак ҳам бошанд, итминон дошта бошед, ки рӯзе ба коратон меояд. Ҳар чи дониш ва огоҳии бештаре дошта бошед, барои ғалаба намудан ба мушкилиҳои зиндагӣ огоҳтар мегардед. Ҳар чизе ки дар инсон аст, аз қабили пул, кор, мансаб ва ҳатто саломатӣ, мумкин аст рӯзе аз дасти инсон биравад, аммо дониш ва огоҳӣ маҳоратҳои Шумост, ки ҳамвора бо Шумо мемонад.

### 6. Густариши доираи калимаҳо

Ҳарчи бештар китоб бихондед, бо калимаҳои нав бештар вомехӯред, ки дар гуфтори рӯзмарраатон истифода мебаред ва фанни баёну гуфтор дар Шумо сатҳи болоро пайдо карда, бо боварӣ ба ба худ бештар суҳбат мекунед, ки боиси баланд шудани шарафу иззати шумо мегардед.

Инчунин хондани китоби бисёр барои омӯзиши забонҳои дигар дар муддати кӯтоҳ бисёр муҳим ва пуртаъсир мебошад.

### 7. Тақвияти ҳофиза

Мағзи сари инсони як узви шигифтангезе аст, ки ба роҳатӣ маълумотҳои навро ҳифз мекунад. Нуктаи шигифтангезе ки мағзи сар дорад, ин аст, ки ҳар боре шумо матлаби наверо ба зеҳн месупоред, мағзи сар, торҳои асабии наве месозад, ки торҳои асаби қаблиро тақвият мекунад. Ҳамин тавр аз хондани бештар, зеҳн то рафт ба камолоти бештар меравад.

### 8. Саргармии ройгон барои зиндагии роҳат

Бисёре аз мо дӯст дорем, ки худамон китоб бихарем, аммо ин рӯзҳо мумкин аст хариди китоб бисёр гаронамон бошад ва мо натавонем ҳамаи китобҳои хостаамонро дастрас намоем. Барои ин бо саргармии арзон ва ҳатто ройгон ба китобхонаҳои маҳаллии худ сар бизанем ва аз ҳазорон китобе, ки дар китобхонаҳо вуҷуд дорад ба таври ройгон истифода намоем.

Китобхонаҳо одатан дар ҳар мавзӯе, ки фикр мекунеду мехоҳед, китоб доранд.

Агар таҷрибаи китобхонии зиёд надоред, аз имрӯз оғоз кунед ва ба худ як дунёи наву афсонавиро таҷриба намоед.


**_Адабиётҳои истифодашуда:_**

1. *Китобдор. /Маҷаллаи фарҳангӣ – маърифатӣ.*
2. *www.kitobam.com/ Энсиклопедияи тоҷикӣ фарҳанг*
3. *Сомонаи www.bikhon.tj*






**3.** Санаи 22 декабри соли 2021 ҷаласаи сиву нуҳуми (бисту ҳаштуми навбатӣ) Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ дар шаҳри Москваи Федератсия Россия бо иштироки намояндагони ваколатдори кишварҳои аъзои Конвенсияи патентии Авруосиёӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласаи ШМ ТПАО яке аз масъалаҳо барои баррасӣ ин матни шартнома бо Президенти тозаинтихоби ИПАО Ивлиев Г.П. буд, ки аз ҷониби ҳамаи намояндагони ваколатдори кишварҳои аъзои Конвенсия мувофиқ шуморида шуд.

Дар ин хусус Раиси ШМ ТПАО Исмоилзода Мирзо бо Президенти тозаинтихоби ИПАО Ивлиев Григорий Петрович шартномаро ба имзо расонид.





Ҷаласаи Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ 22.12.2021с.

**4.** Санаи 11-12 апрели соли 2022 дар қароргоҳи Идораи патентии Авруосиёии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия, ҷаласаи чилуми (дувоздаҳуми ғайринавбатӣ) Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ бо иштироки намояндагони ваколатдори кишварҳои аъзо, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Федератсияи Россия, Озорбойҷон ва Тоҷикистон баргузор гашт.

Ҳамчунин дар ҷаласа намояндаи Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, сардори шуъбаи давлатҳои Қавқоз, Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ Грибков И.А. ба сифати нозир иштирок намуд.

Дар ҷаласаи мазкур ҳисоботи солонаи Ташкилоти патентии Авруосиёӣ барои солҳои 2020-2021, лоиҳаи буҷети соли 2022, ворид намудани тағйиротҳои дахлдор ба Дастурамали молиявии Ташкилот, тасдиқи Тартиби пардохти ҳиссаи давлатҳои аъзои Протокол ба намунаҳои саноатӣ, маъқул донистани Созишнома байни Идораи патентии авруосиёӣ ва Бюрои байналмилалии Созмони умумҷаҳонии моликияти зеҳнӣ доир ба иҷрои функсияи мақомоти ҷустуҷӯгари байналмилалӣ ва макомоти санҷишгари пешакӣ аз ҷониби Идораи патентии авруосиёӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши кормандони идораҳои патентии кишварҳои аъзо ва Идораи патентии Авруосиёӣ қабули барномаҳои омӯзишӣ ва таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ низ баррасӣ гардиданд, ки нисбати онҳо қарорҳои мусбӣ қабул карда шуд.

Аз натиҷаи ҷаласаи чилуми (дувоздаҳуми ғайринавбатӣ) Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ бори нахуст нишасти матбуотӣ дар Агентии давлатии иттилоотии “ТАСС”–и Федератсияи Россия баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони ваколатдори давлатҳои аъзо аз натиҷаи ҷаласаи мазкур ва соҳаи моликияти зеҳнӣ дар кишварҳои худ ба хабарнигорон маълумоти муфассал пешниҳод намуданд.



Ҷаласаи Шӯрои маъмурии Ташкилоти патентии Авруосиёӣ 11.04.2022с.




Нишасти матбуотӣ дар Агентии давлатии иттилоотии “ТАСС”–и Федератсияи Россия 12.04.2022с.





Фарқе намекунад ки чи қадар ё чаро хастагӣ доред. Ғарқ шудан дар дунёи як китоби хуб, ҳол ва ҳавои инсонро ба дунёи дигаре мебарад ва як навиштаи ҷаззоб ҳаввоси касро аз мушкилот ва нороҳатиҳои инсонӣ бартаф сохта муҷиби оромиш мешавад.

## 2. Тақвияти зеҳн ва ҳифозат аз он

Тибқи таҳқиқоте, ки дар маҷаллаи Анолийни Норвегия анҷом шудааст, хондани китоб дар тамоми тӯли умри инсон сабаб мешавад, ки мағзи сари инсон дар солҳои пирӣ тавонии худро ҳифз кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот собит кардааст, ки раванди коҳиши кудрати ҳофизаи инсонҳое ки дар тӯли умри худ фаъолиятҳои ҳаракатдиҳандаи зеҳн, мисли китоб хонданро ба таври мураттаб анҷом медоданд, бисёр камтар аз касоне аст, ки чунин амалҳоро дар барномаи рӯзонаи худ қарор надода буданд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, мо набояд амалҳои таҳрикдиҳандаи зеҳниро бар худ ва фарзандон дар ҳайёти рӯзмарраамон нодида бигирем. Ва баръакс ин хондану навиштани китобҳоро ягона роҳи солим мондани зеҳн аз зуд косташавӣ бидонем.

## 3. Ҳарактдиҳии зеҳн ва косташавии ақл дар солҳои пирӣ

Таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки ҳаракатдиҳии зеҳн ва фаъол нигоҳдории он аз мубтало гардидан ба фаромӯшхотирӣ ва косташавӣ дар солҳои пирии инсон эмин нигоҳ медорад. Чунки мағзи сари инсон ҳам мисли дигар узвҳои инсонӣ барои солим ва қавӣ мондан ниёз ба тамрин дорад ва тамрини зеҳн ин китобхонӣ, навиштан ва бозиҳои фикрӣ мисли шатранҷ ва амсоли он мебошад.







# ФОИДАҲОИ КИТОБХОНӢ ДАР ЗИНДАГӢ



**Шукурова Д.**
*Китобдори ҷавони Китобхонаи давлатии патентию техникӣ*

Китоб манбаи ягонаи илму дониш барои инсони комил ба шумор меравад. Агар фард як умр бо мутолиаву омӯзиши он машғул бошад, чизеро талаф намедиҳад. Китоб беҳтарин ёвар ва маслиҳатгари инсон буда, ҳаёту зиндагӣ, кору фаъолият ва донишу масъалаҳои нав ба навро ба инсон меомӯзонад. Пас инсонро мебояд дар умри гузарон бисёр шитоб намояд, то китобҳои арзишманду нодир дарёфт намуда, илму маърифат омӯзад, бедор зиндагӣ кунад, бо омӯхтааш амал намояд, то ба зинаи инсони асил бирасад. Зеро калиди дари илму манбаи маърифат, ҳаёти хурраму пурнишот ва илму адаби пойдору устувор ин китоб мебошад.

Афсӯс, бархе аз инсонҳо аз китоб хондан ва мутолиаи китобҳои хуб дуранд. Бо рӯзе 10 дақиқа ё бештар аз он китоб хондану мутолиаи китобҳои хубро намудан, инсон метавонад вориди як дунёи ҷадид гардад ва бо ёд гирифтану фаҳмидани чизҳои нав аз ин дунё ,зиндагии худро рӯ ба беҳбуду пешрафт қарор диҳад. Пас инҷо мо аз таҳқиқу пажӯҳишҳои олимон роҷеъ ба фоидаҳои китобхониро барои хонандагони азиз пешкаш менамоем.

## 1. Афзоиши оромиш ва коҳиши хастагӣ.

Агар дар зиндагии рӯзмарраи хеш хастагии зиёдро ҳис мекунед, китобҳои хубро бештар бихонед. Таҳқиқоти анҷомшуда дар соли 2009 дар яке аз донишгоҳои Амрико нишон додааст, ки мутолиа кардан, муассиртарин равиш барои муқобила ба ҳолати ноороми инсон аст. Ҳатто аз шуғлҳои дӯстдошта, монанди корҳои тафреҳӣ китоб хондану мутолиа намудан дар ҳифзи оромиш дар муқобили афсӯрдагиҳо таъсирбахштар мебошад.

Яке аз муҳаққиқони ин самти пажуҳиш доктор Давид Левис баён кардааст:

*«Фарқе намекунад, ки чи китоберо барои хондан интихоб кунед, замоне ки ғарқ дар моҷаро ва мавзӯи китоб мешавед, аз дунёи нигаронӣ ва хастагиҳои рӯзмарра фосила мегиред, замонеро барои кашфи тахайюлот ва дунёи нависанда сарф менамоед.»*





# Таърихи рушди китобхонаҳои рақамӣ



Мо дар давраи рушди густурдаи ҷомеаи иттилоотӣ зиндагӣ дорем. Дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ марзҳои кишварҳо: иқтисодӣ, забонӣ ва албатта, иттилоотӣ аз байн меравад. Равандҳои умумӣ Информатизатсия ҳаёти моро тағир медиҳад, мо бештар ва бештар бо системаҳои иттилоотии компютерӣ вомехӯрем. Онҳо ҳаёти моро хеле осон мекунанд, сарфа ва кори моро осон мекунанд. Маълумот муҳимтарин манбаи ҷомеаи муосир мегардад. Нигоҳдорӣ, афзун намудан ва истифодаи оқилонаи ин сарват барои ҳар як давлат ва ҷомеа аҳамияти бузург пайдо кардааст.

Маълум аст, ки «давраи тиллоӣ»-и нашриёҳои чопӣ ба охир мерасад. Бештар маълумоте, ки мо дар ҳаёти ҳаррӯза истифода мебарем, дар формати электронӣ ворид мешаванд, илова бар ин, нашриёҳои анъанавии чопӣ, асарҳои адабиёти классикӣ, дастнависҳои бебаҳои осорхонавӣ ба формати иттилоотӣ интиқол дода мешаванд. Ин шакли пешниҳоди иттилоот ба шумо имкон медиҳад, ки кор бо иттилоот ва дастрасӣ ба он дар сатҳи комилан сифатӣ ташкил карда шавад. Нашриёҳои чопӣ, албатта, арзиши эстетикии худро нигоҳ медоранд.

Иваз кардани нашриёҳои чопӣ ба нашриёҳои электронӣ раванди объективӣ аст, ки пеши роҳи онро гирифтан мумкин нест.

Таъмини дастрасии оммавии (аз ҷумла дурии) истифодабарандагон ба захираҳои электронии иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки хизматрасонии иттилоотӣ ба соҳаҳои илм, маориф ва фарҳанг гардид. Системаи ҳозираи хидматрасонии иттилоотӣ ба мо имкон медиҳад, ки қариб ҳама гуна иттилоотро ба миқдори номаҳдуд дастрас кунем, дар ин кор Интернет нақши бузург дорад, ки аз соли 1991 тавонист ба муҳити иттилоотии фарққунанда ва амалан тамомнашаванда табдил ёбад. Ҳама системаҳои муосири хизматрасонии китобхонаҳо ба пешниҳоди иттилоот ба корбарон тавассути шабакаи ҷаҳонии интернет асос хоҳанд ёфт.

Ба маънои муайян, истилоҳи китобхонаи рақамӣ муддати тӯлонӣ маълум аст. Дар тӯли якчанд сол коршиносони гуногун фарорасии давраи китобхонаҳои рақамиро пешгӯӣ мекарданд. Дар баробари ин, ин истилоҳро низ метавон комилан нав арзёбӣ кард, ки ба як ниҳоди ношинос ишора мекунад. Китобхонаҳои анъанавӣ на танҳо маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо ё манбаи иттилоот, балки дорои асбобҳои навигатсионӣ, системаи каталог,

Китоб дар ҷаҳон бори аввал 5000 сол пеш дар Осиёи ғарбӣ ҷойгир ва пайдо шудааст. Нахустин китоб аз лой сохта шуда буд, ки дар ҳолати мулоимӣ дар он бо чӯбчаи махсуси нугтез аввал аломатҳоро менавистанд, сипас дар оташ ё офтоб медоштанд, то ин ки лой хушк шуда, сифати он боз ҳам хубтар шавад ва навиштаҷоти он тоза наарзад. Дар ин ҳолат ба навиштаҷоти он тағйиротҳо ворид кардан тамоман ғайриимкон буд. Ҳар як китоб аз 10 то 100 саҳифаи лойин иборат буд, ки онро пас аз хушконидан дар ҷевони тахтагин нигоҳ медоштанд. Солҳое буд мардум чӣ будани китобро ҳатто тасаввур намекарданд. Навиштану хонданро низ намедонистанд. Саргузашти хешро барои фаромӯш накардан дар санг бо акси ҷонварон ё аломатҳои гуногун сабт мекарданд. Барои навиштан дар санг заҳмати зиёде паси сар мешуд. Зеро як саҳифаи он як хишт ба ҳисоб мерафт.







Дар гузашта ҳар давлати дунё барои навишти китоб ҳар гуна маҳсулоту баргҳои дарахтро истифода мебурданд. Аз ҷумла, дар Ҳиндустон дар барги дарахти нахл менавиштанд ва барои пароканда нашудан онро дар тахта моҳирона медӯхтанду нигоҳ медоштанд. Дар давлати Хитой дар бамбук менавиштанд. Ҳатто қишри чорводори он замон барои навиштани мактуб аз пӯсти ҳайвонҳо истифода мебурданд.



Аввалин дастнависҳои папирусӣ дар **Мисри Бостон** ёфт шудаанд, ки ба ҳазораи 4-3-юми то милод мансубанд.

Дар асри VI бори якум ксилография (асбоби махсуси китобчопкунӣ) ба кор даромад. Асри XI бо ёрии литераи (қолибчаҳои) махсус (аз гилу чӯб тайёр карда мешуд) чоп карданро ҷорӣ намуданд. Дар **Рум** нашри китобҳо авҷ гирифта буд, ки ба он бештар ғуломони махсус ҷалб карда мешуданд. Асри XIV дар Корея бо ёрии литерҳои фулузӣ китобчоп-кунӣ ҷорӣ шуд, ки барои такмили минбаъдаи интишори китоб ёрӣ расонд.



Дар Аврупо чопи китоб аввал аз папирус ба варақҳои яклухт, баъд ба пергамент (пӯст, навиштафзор) ва ниҳоят ба коғаз гузаштанд. Дар Аврупои асримиёнагӣ китобҳо мазмуни динӣ дошта, ба забони лотинӣ чоп мешуданд. Назар ба баъзе маълумотҳо дар Самарқанд асри VIII китобҳои коғазӣ ёфт шудаанд. Вобаста ба китобнависӣ хаттотӣ, муқова-бандӣ барин касбҳо пайдо шуданд.





Таъсиси китобхонаҳои электронӣ ва базаҳои пурраи матнӣ як роҳи осон кардани кор бо пойгоҳи иттилоотӣ аст, эҷоди онҳо ғояе аст, ки аксари ҷаҳони муосирро фаро гирифтааст. Китобхонаҳои рақамӣ ва пойгоҳи маҳсулотҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолият дар ҳама соҳаҳо: -илм, фарҳанг, маориф, муассисаҳои давлатӣ табдил меёбанд. Ҳар як созмоне, ки саҳифаи худро дар Интернет дорад ва аксар вақт як сайти ҳаводор аст, майл дорад китобхонаи виртуалии худро пешниҳод кунад.

**Консепсияи китобхона ва хусусиятҳои он:**

**Маҷмӯи объектҳо.** Ҳар як китобхона маҷмӯи маълумотро эҷод мекунад, ки аксар вақт коллексияҳо, мисолҳо, захираҳо ё танҳо мавод номида мешаванд. Инҳо метавонанд китобҳо, маҷаллаҳо, ҳуҷҷатҳо (ҳам чопӣ ва ҳам электронӣ); объектҳои мултимедиявӣ (тасвирҳо, лентаҳои магнитӣ, видео ва ғ.). Объектҳо бошанд бояд бевосита дар китобхона ё тавассути ягон намуди шабака дастрас гарданд.

**Маҷмӯи метамаълумотҳо.** Китобхона одатан метадотаҳоро дар бар мегирад: феҳрист, дастурҳо, луғатҳо, тезаурихо, индексҳо, рефератҳо, баррасиҳо, коллексияҳо ва ғайра.

**Маҷмӯи хидматҳо.** Дар байни онҳо воситаҳои гуногуни дастрасӣ (ҷустуҷӯ, дидан ва ғ.) бо назардошти категорияҳо ва манфиатҳои хонандагон, системаҳои паҳнкунии тафриқавии иттилоот, идоракунии китобхонаҳо, омор, баҳодиҳии фаъолият ва ғайра.

Ҳар як китобхона соҳаи муайяне доранд, ки мувофиқи он фондҳо ташаккул меёбанд. Масалан: санъат, илм, адабиёт. Одатан китобхонаҳо барои категорияи муайяни истифодабарандагон таъсис дода мешаванд: академикӣ, ҷамъиятӣ, махсус, мактабӣ, миллӣ ё давлатӣ.

**Назорати сифат.** Дар ин маврид мо тафтиши ҳаматарафаи коллексияҳо ба сохтори китобхонаро дар назар дорем. Маводи воридотӣ пеш аз дохил шудан ба фондҳо коркард карда мешавад. Захираҳои библиографӣ бо роҳи ташкили сабтҳои библиографӣ, индексҳо, рефератҳо ва ғайра мунтазам пурра карда мешаванд.

**Нигоҳдорӣ.** Китобхонаҳо ва архивҳо марказҳои ҳифз мебошанд - ин яке аз вазифаҳои асосӣ мебошад. Мақсади расмиёти ҳифз ин таъмини ҳифзи иттилоот ва дастрасии наслҳои оянда ба он мебошад.

**Вазифаҳо ва таснифоти китобхонаҳои рақамӣ**

***Нообаста аз он ки китобхонаи электронӣ маҳаллӣ аст ё дар Интернет ҷойгир аст (бо шароитҳои гуногуни дастрасӣ), таъсиси он бояд ба ноил шудан ба ҳадафи асосӣ, ки қонеъ кардани ниёзҳои иттилоотӣ ҳисобида мешавад, равона карда шавад. Технологияҳо ва усулҳои истифодашаванда бояд ба хусусиятҳои эҳтиёҷоти муайяншудаи иттилоот, ташкили оқилонаи маҷмӯи ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки тибқи меъёрҳои интихобшуда ташаккул ёфтаанд, мувофиқат кунанд. Бо ёрии китобхонаҳои электронӣ вазифаҳои зеринро ҳал кардан мумкин аст:***

***Китобхонаи электронӣ вазифаҳои асосии зеринро иҷро мекунад:***

- Иттилоотӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи категорияҳои гуногуни истифодабарандагон ба иттилоот дар тамоми соҳаҳои дониш ё яке аз соҳаҳои фаннӣ нигаронида шудааст;
- Таълимӣ, амалӣ, аз ҷумла тавассути оммавӣ намудани ҳуҷҷатҳои электронии марбут ба таърих ва фарҳанг;

хидматрасонӣ ба хонандагон ва муҳити автоматии иттилоотӣ мебошанд, бояд эътироф кард, ки китобхонаи электронӣ ба баъзе хусусиятҳои нав шурӯъ мекунад.

Рақамикунонӣ дар ибтидои солҳои 70-ум ба системаҳои иттилоотӣ таъсири калон расонда ба пешрафти устувор дар автоматикунонии ҳама ё қариб ҳама технологияи китобхона мусоидат намуд. Он аз автоматикунонии феҳристи китобхонаҳо, баъд системаҳои хидматрасонӣ оғоз ёфт ва дар охири солҳои 1970 ва аввали солҳои 1980 ба охир расид.

Системаҳои интегралӣ сохтори ягонаи нармафзорро барои идоракунии тамоми равандҳои китобхона, аз ҷумла феҳрист, нигоҳдорӣ, харид, ҳисоббаробаркуниҳои молиявӣ ва инчунин бисёр вазифаҳои дигар (масалан, қарздиҳии байникитобхонаҳо) истифода мебаранд.

Яке аз дастовардҳои назарраси ин давра таъсиси феҳристи электронии китобхона буд, ки дар раванди ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо дигаргунӣ ба амал овард. Бо пайдоиши феҳристи электронӣ, идеяи ташкили фонди тақсимшуда бори аввал ба миён омад.

Дар доираи системаи муттаҳидаи автоматикунонӣ модулҳои воқеан мураккаб, муфид, системаҳои нави расонидани ҳуҷҷатҳо ба истифодабаранда эҷод карда шуданд. Муҳимтар аз ҳама таҳияи системаҳои онлайн буд, аввал барои истгоҳҳои кории инфиродӣ ба CD-хизматрасонӣ, баъд ҳамчун иншооти шабакавии CD-ROM ва ба наздикӣ тавассути серверҳои дурдаст.

Дар гузаштаи наздик, инчунин шаклҳои хидматҳои шабакавӣ, ки бо дастрасӣ ба Интернет алоқаманданд, мавҷуданд. Дар натиҷа, ҳатто як китобхонаи нисбатан хурд ва хоксор қобилияти таъмини дастрасӣ ба захираҳои бузурги электрониро ба даст овард. Дар натиҷа, системаи муттаҳидшудаи автоматикунонии китобхона аз як ҷузъи муҳими китобхона маҳрум шуд, хусусан агар он бо захираҳои интернетӣ кор накунад.

Китобхонаҳои рақамӣ қисми ҷудонашавандаи фаъолият дар ҳама соҳаҳо мегарданд; Қариб ҳама имрӯз бо зарурати доштан, инкишоф додан ва истифода бурдани китобхонаи электронӣ рӯбарӯ шудаанд. Тавре ки қаблан ҳама барои гирифтани компютер саъй мекарданд, ҳоло ҳам, вақте ки бо компютерҳо дастрасӣ ба амал омадааст, онҳо асосан дар бораи ду чиз - Интернет ва китобхонаи электронӣ ҳарф мезананд.

Дар Ғарб китобхонаҳои электронӣ васеъ паҳн шудаанд. (Google лоиҳаи рақамии китобҳои худро оғоз мекунад.) Моҳи декабри соли 2004 лоиҳаи китобхонаи «Google Print» эълон шуд, ки он соли 2005 ба «Ҷустуҷӯи китобҳои Google» иваз карда шуд.

20 ноябри соли 2008 китобхонаи рақамии умумиевропоии «Europeana»-и ба кор шурӯъ кард.

21 апрели соли 2009 ифтитоҳи расмии Китобхонаи ҷаҳонии рақамӣ баргузор гардид.

Фарқи асосии байни нашрияи анъанавӣ (маълумотҳо "дар диски сахт") ва электронӣ дар он аст, ки корбар барои гирифтани маълумоти зарурӣ ба хидматҳои китобхонаи электронӣ муроҷиат карда, дар натиҷа имкони кор кардани бевосита бо ҳуҷҷатҳоро пайдо мекунад. Китобхонаҳои электронӣ имкон медиҳанд, ки механизмҳои гуногуни ҷустуҷӯ ва воситаҳои дастрасӣ ба бонкҳои гуногуни электронии маълумот истифода шаванд.

Китобхонаи электронӣ системаи феҳристҳо ва имкони ҷустуҷӯи қулай ва ҳамаҷониба мебошад. Имкониятҳои барномасозии имрӯза барои ташкили китобхонаҳои электронии ташкилотҳо имкониятҳои воқеан бепоёнро мекушоянд.







Аввалин бор дар соли 1445 Иоган Гутенберг сокини шаҳри Майтси давлати Олмон дастгоҳи китобчопкуниро ихтироъ кард. Охири солҳои 50-ум бошад, Гутенберг якумин дастгоҳи нашри китобро ба истифода дод. Воситаи интишори китоб пай дар пай такмил ёфта, ба дигар мамлакатҳои ҷаҳон паҳн шуд. Соли 1798 бо ихтироъ шудани литография (чопи сангӣ) кори китобчопкунӣ, хусусан бо суратҳо оро додани китоб осон гардид.



Хушбахтона, китобҳои сафолину сангӣ ва нақши рӯи чубҳо то замони мо расида, имрӯз зиннати осорхонаҳои муътабари ҷаҳонианд.

Осори классикон низ тавассути китоб олами тафаккури мардумро мисли субҳ равшан мекунад. Агар, дақиқтар андеша ронем китоб рафиқи ҷонии инсон аст. (Дар лаҳзаи бахусус танҳоӣ китоб дар бари мост.)

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, бо гузашти вақт, рушди илму техника ва пас аз ихтирои коғаз низоми нави китобдорӣ ба миён омад. Ҳамин тариқ, таърихшиносон аввалин дастнависҳоро, ки дар Мисри Қадим пайдо шуданд, ба ҳазораи то мелод марбут медонанд



«Дар пойтахти давлати Сомониён бузургтарин ва ғанитарин китобхонаи он даврон бо номи «Сивон-ул-ҳикма» бунёд гашт, ки ба илми китобшиносӣ ва китобдории тоҷикон замина гузошт»,- зикр карданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар идома илова намуданд: «Абӯалӣ ибни Сино дар овони ҷавонӣ аз ин китобхона истифода намуда, баъдҳо ба хотир овардааст, ки китобҳои нодири дар ин ҷо дидааш тамоми умр дар ҳеҷ кишваре ба назараш нарасидаанд».

Хушбахтона, анъанаи неки гузаштагон, яъне санъати китобдориву сухансозӣ имрӯз низ дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо мавқеи шоиста дорад. Ҳар рӯз тариқи нашриёҳои давлативу хусусӣ садҳо китоб ба нашр расида, ҳамчун неъмати бузург ба хони маънавии мардум гузошта мешавад..

***Адабиётҳои истифодашуда:***

1. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе: Сарредакцияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2015. – Ҷ. 1.

2. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ. 2.

3. Энсиклопедияи советии тоҷик, 1981. – Ҷ. 3

4. Сомонаи интернетӣ

- Тадқиқотҳое, ки ба пешбурди омӯзиши амиқи мавзӯъ аз ҷониби олимону мутахассисон, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди матнҳои пурра аз фондҳои фосилавӣ нигаронида шудааст;
- Таълимӣ, ки дар доираи он на танҳо маводи таълимии чандрасонаӣ, балки бо адабиёти зарурӣ ҳам барои таҳсилоти ибтидоӣ ва ҳам иловагӣ дастгирӣ карда мешавад;
- Маълумотномае, ки барои ба даст овардани маълумоти мӯътамад, ки дар ҳуҷҷатҳои навъи муайян инъикос ёфтааст;
- Вазифаи ҳифзи мероси эҷодӣ, ки махсусан дар муҳити электронӣ муҳим аст.

Бешубҳа, захираҳои электронӣ на танҳо ба равандҳои умумии иттилооткунонӣ маърифияти худ доранд, онҳо дар муқоиса бо китобхонаҳои анъанавӣ як қатор бартариҳои назаррас доранд:

- Истифодабаранда новобаста аз вақт ва макон - шахсан ё аз китобхона маълумот мегирад.
- Самаранокии таъмини истифодабарандагонро бо адабиёти зарурӣ, ҳуҷҷат ва маълумотҳо хеле зиёд мекунад.
- Истифодабаранда қобилияти дастрасӣ ба захираҳои электронии гуногунро дорад.
- Истифодаи нусхаҳои бо мошин хондашаванда аз вайрон шудани ҳуҷҷатҳои аслӣ пешгирӣ мекунад.
- Ба татбиқи шаклҳои нави хизматрасонии китобхонаю иттилоотӣ ба истифодабарандагон, аз ҷумла хизматрасонӣ ба шахсони босира ва маъюбон бинобар бемориҳои узвҳои мушак-ҳаракат, мусоидат мекунад.
- Ҳуҷҷатҳое, ки дар китобхонаҳо ба миқдори маҳдуд мавҷуданд, барои шумораи бештари корбарон дастрас мешаванд.
- Кор бо ҳуҷҷатҳои электронии рақамӣ метавонад аз хондани матн ё дидани тасвир дуртар бошад. Порчаҳои маълумоти аслӣ метавонанд дар кор, якҷоякунӣ, илова ва таҳрири мавод истифода шаванд.
- Ҷустуҷӯи зуд ва босифати порчаҳои алоҳидаи ҳуҷҷат, таҳлили семантикии он ва дигар намудҳои коркарди нармафзор имконпазир аст.

Аз рӯи таркиби ҳуҷҷатҳо китобхонаҳои электрониро ба якҳуҷҷатӣ ва бисёрҳуҷҷатӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар маҷмӯъ, ду модели асосиро ҷудо кардан мумкин аст: ташаккули фонди як намуди ҳуҷҷатҳои электронӣ, асосан матнҳо (тағйирот ё як намуди нашр ё омехта мебошанд); ташаккул додани коллексияҳои мураккаби мултимедиявӣ.

Аз ҷиҳати ташкилӣ, китобхонаҳои электронӣ метавонанд мустақил бошанд ё ба як манбаи бештар маъмул, масалан, дар комплекси илмию таълимӣ ё системаи таълими фосилавӣ сохта шаванд; инчунин интегралӣ (маҷмӯаҳо бо мавзӯи умумӣ ва интерфейси ягона муттаҳид мешаванд, аммо ҳуҷҷатҳои электронӣ дар сайтҳои гуногун ҷойгиранд, ки ба фаҳмидани китобхонаи маҷозӣ наздиканд).

Дар навбати худ, китобхонаҳои электронии мустақилро метавон ба китобхонаҳои ба фонди китоб алоқаманд ва автономӣ (аксарияти китобхонаҳои электронӣ ба онҳо тааллуқ дорад), ки системаи мустақили захираҳои электронии иттилоотӣ мебошанд, ҷудо кард.

Дар навбати худ, китобхонаҳои электронии мустақилро метавон ба китобхонаҳои ба фонди китоб алоқаманд ва автономӣ (аксарияти китобхонаҳои электронӣ ба онҳо тааллуқ дорад), ки системаи мустақили захираҳои электронии иттилоотӣ мебошанд, ҷудо кард.





# Таърихи ПАЙДОИШИ КИТОБ



*Эҳтиром ба ватан, ифтихор ба Тоҷикистони азиз ва дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва аз бар намудани мазмуни он сарчашма мегирад. Халқи мо аз қадим китобдору китобхон буд ва ин анъанаро бояд ҳифз карда, идома бидиҳем.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

**Назарова Д.Р.**
*Мудири шуъбаи нигоҳдории хазинаҳо*

Таърихи пайдоиши китоб ба тараққиёти хат, забон, адабиёт, санъат, техника ва илм алоқа дорад. Дар замонҳои қадим дар болои санг, ҷӯб, сафол, мису биринҷӣ, баргҳои дарахтони нахл, устухонҳо ва ғайра аз одамон дастнависҳо боқӣ мондаанд, ки ба китоб мансубият доранд.



татбиқи лоиҳаи мавриди назар анҷомдодаи муҳаққиқон инъикос гардидаанд, шаҳодат бар он аст, ки то ҳоло масъулини соҳаи китобдорӣ таври бояду шояд моҳият ва зарурати шуғли пайваста ва мунтазам варзиданро ба фаъолиятҳои инноватсионии китобдорӣ-иттилоотӣ пурра дарку эҳсос накардаанд.

Ҳамин тавр, татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти инноватсияи соҳаи китобдорӣ имкон дод, ки масоили гуногуни раванди инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ, хусусан ҷараёни падидоии он дар китобхонаҳои мамлакат, бунёди китобхонаҳои электронӣ ва рақамӣ ва истифодаи технологияи муосир, ташкили феҳристи электронӣ, таҳқиқи ҷиҳатҳои мусбату манфии ин раванд мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва андешидани тадбирҳои муассир бахри беҳдошти соҳаи китобдорӣ қарор гиранд.

**Шариф КОМИЛЗОДА,**
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*

***Иқтибосҳо:***


1. *Таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанги миллӣ: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб: А. Аминов; муҳаррир ва муаллифи пешгуфтор Ш. Комилзода. – Душанбе: Арҷанг, 2017. – 124 с.*
2. *Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ: маъмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Б. Бӯризода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Арҷанг, 2018. – 336 с.*
3. *Шосаидзода С. Инноватикаи китобдорӣ / муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Арҷанг, 2019. – 248 с.*
4. *Маҳмудов, Г. Равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо / муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Арҷанг, 2018. – 248 с.*


# Хурдтарин китоб дар ҷаҳон



*Имрӯз раванди эҷод намудани китобҳои хурд хело осонтар шудааст ва вақти камтарро мегирад. Айни замон микроминиатюрҳо барои сохтани китоби хурдтарин ва шикастани рекорди хозира кор карда истодаанд.*

*Китоби аз ҳама хурдтарин дар Канада аз ҷониби ду бародар Малколм Дуглас ва Роберт Чаплин навишта шудааст. Бародарон китобро бо истифода аз лазер дар чипи кремний чоп намуданд, ки ҳамагӣ 70 ба 100 микрон аст. Барои хондани китоб лозим меояд, ки микроскопи пуркувват, беҳтараш микроскопи электрониро лозим меояд. Дар зери микроскопи муқаррарӣ ҳеҷ чиз дида намешавад.*

*Китоби хурдтарин дар китоби Гиннеси соли 2012 хамчун киботи хурдтарин дар чахон ворид шуд.*





Ҳамин тариқ, хеле хуб аст, ки китобхонаҳо ҳуқуқашонро барои рақамикунонии коллексияҳои худ тасдиқ карданд. Аммо дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳатто истилоҳи собитшудаи «истисноҳои китобхонавӣ» мавҷуд аст. Дар ИМА ва Аврупо китобхонаҳо, ки аз ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои гирифтани маълумот истифода мебаранд, ҳақ доранд, ки бе иҷозати муаллифон маҷмӯаҳои худро рақамӣ кунанд. Албатта, ин (ва ин як истилоҳи муқарраршуда низ аст) "аз рӯи принсипи истифодаи одилона ва босамар" анҷом дода мешавад.

Таҳиякунанда **Холиқов Т.Х.**
*Директори Китобхонаи давлатии патентию техникии МД ММПИ*



# НАҚШИ КИТОБХОНА ДАР РУШДИ МАЪРИФАТИ ҶОМЕАИ МУОСИР




**Гулнора Бутаева**
*мудири шуъбаи маркетинг ва рушди китобхона*

Дар фазои беканори илм ва тараққиёти босуръати техникаю технология муҳимтарин омили пешрафти ҷомеа доштани иттилооти фаровон аст ва ин иттилооту донишҳо фақат бо роҳи хондани китоб ва воситаҳои дастрас пайдо намудан ба он ба даст меоянд. Пас, ҳамеша дар пайи мутолиаи ин ганҷинаи гаронмоя бояд буд ва ин неъмати бебаҳоро ҳифзу арҷгузорӣ кард.

Китобхона, пеш аз ҳама ганҷ ва хазинаи бебаҳои миллат буда, бешак истифодаи он дар рушд ва пешрафти иқтисодиёт, сиёсат ва маърифату маданияти миллии ҳар як давлат мусоидат мекунад. Ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ дар баробари дигар соҳаҳо ба пешрафти соҳаи фарҳанг, бахусус китобхонаҳо низ диққати ҷиддӣ дода, пайваста таъкид менамоянд, ки соҳаи мазкур дар тарбияи маънавӣ, ахлоқи ҳамидаи шаҳрвандон, хусусан ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи дониш бо истифода аз хазинаи ғании китобхонаҳои ҷумҳурӣ, ташаккули маънавии ҷомеаи муосир, омода намудани кадрҳои баландихтисос нақши муҳим мебозад. Таъкид менамоянд, ки мутахассиси оянда бояд дорои тарбияи воло ва донишу малакаи замонавии касбӣ буда, аз дастовардҳои техника ва технологияи муосир ҳатман огаҳӣ дошта бошад.





татбиқи лоиҳа бадастомада олимону муҳаққиқони соҳаи китобдорӣ беш аз 100 таълифотро дар шаклҳои рисолаҳои илмӣ, китобҳои таълимӣ, маводи методӣ ва мақолаҳои илмию амалӣ таҳия ва нашр кардаанд. Дар радифи ин навофариҳои илмӣ, бахусус рисолаи мукаммали илмии С. Шосаидзода «Инноватикаи китобдорӣ», ки дар доираи татбиқи лоиҳаи мавриди назар рӯи кор омадааст ҷойи махсус дорад. Зеро дар ин китоб бори нахуст дар илми китобдории тоҷик муаллиф кӯшидааст, ки доир ба пайдоиши мафҳуми инноватика, аҳамият, вазифаҳо ва самтҳои рушди он, ояндаи ташаккули ин навгонӣ дар фаъолияти китобдорӣ-иттилоотшиносӣ, менеҷменти инноватсионӣ дар китобхонаҳо изҳори ақида карда, инчунин масъалаҳои истифодаи самараноки нерӯи инноват-сионии китобхонаҳоро таҳлилу тафсир намудааст.

Рисолаи боарзиши дигаре, ки дар чаҳорчӯбаи татбиқи лоиҳаи мазкур таҳия ва нашр шуда, фарогири мавзӯи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ мебошад, маҳсули қалами Г. Маҳмудов буда, зери сарлавҳаи «Равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо» интишор гардидааст. Дар ин рисола муаллиф масоили муҳимми назариявӣ ва амалии библиографияшиносии тоҷикро бо дарназардошти татбиқи навгониҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ-библиографӣ, мавриди арзёбӣ карор додааст.

Натиҷагирии умумӣ аз татбиқи лоиҳаи «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг» (барои солҳои 2016-2020) хулосаеро рӯи кор меорад, ки мавзӯи илмии фарогири лоиҳа мавриди баррасии амиқи илмии муҳаққиқони соҳа гардида, маводи фаровони пурғановати илмиро фароҳам оварда, якҷо бо дастовардҳои амалии дар доираи татбиқи лоиҳа ҳосилшуда, дар таҳкимёбӣ ва вусъатбахшии равандҳои фаъолияти инноватсионии соҳаи китобдории ҷумҳурӣ таъсири амиқи мусбат расонид.

Дар баробари комёбиҳои воқеан ҳам пурарзишу ҷолиби дар соҳаи пешбурди таҳқиқотҳои илмии дар раванди татбиқи лоиҳа ноил гардидаи ходимони илмии ПИТФИ ва дигар муаллифони ба мавзӯи лоиҳа ҷалбшуда, дар теъдоди зиёди таълифотҳои илмии нашршуда, инчунин далелҳои зиёди нуқсону камбудиҳои дар фаъолияти китобхонаҳои ҳудуди ҷумҳурӣ ҷойдошта, аз ҷумла дар самти татбиқи равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ низ инъикос гардидаанд. Чунончи: дар раванди пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ, ҷамъоварии маводи омориву назарӣ, шиносоӣ ба вазъи воқеии пояҳои моддиву техникии китобхонаҳои гуногунсамту гуногунсоҳаи ҳудуди кишвар маълум гардидааст, ки то ҳанӯз на ҳамаи китобхонаҳои мамлакат, бахусус дар ноҳия ва деҳоти кишвар бо технологияи нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Аз ҷумла, дар марҳилаи кунунии рушди устувори ҷумҳурӣ, ки давлати Тоҷикистон ба рушди соҳаи китобдорӣ таваҷҷуҳи пайваста зоҳир карда, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатии дахлдорро ба амал бароварда, то ҳанӯз татбиқи чанде дигари онҳо дар ҷараёни татбиқанд, дар як қисми китобхонаҳои қаламрави кишвар мавҷуд набудани технологияҳои муосири ниҳоят зарурӣ ва барои фаъолияти босамари чунин муассисаҳои фарҳангӣ ҳатмӣ, аз қабили компютерҳо, дастгоҳҳои нусхабардорӣ, таксиркунӣ, аккосӣ, почтаи электронӣ, ки дар ниҳоят, имконияти тадриҷан беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасонии китобдориро маҳдуд ва коҳиш медиҳад, далели нигаронкунанда махсуб меёбад. Илова бар ин, бунёд ва такмили фонди электронии китобхонаҳо дар ҷумҳурӣ ҷавобгӯи талабот нест. То кунун китобхонаи намунавии электронии миллӣ дар Тоҷикистон ташаккул наёфтааст. Чунин норасоиҳову мушкилот, ки дар теъдоди бештари таҳқиқотҳои илмии дар доираи

муҳаққиқони дар чаҳорчӯбаи он амалкунанда низ васеъ гардидааст. Масалан, дар соли дуюми татбиқи лоиҳа (соли 2017) доир ба масъалаи мубрами замони муосир – раванди татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои китобдорӣ-иттилоотӣ 12 мақолаҳои олимони варзида, унвонҷӯёни ҷавон ва мутахассисони ин самтҳои таҳқиқотҳои илмӣ, ки дар силсилакитоби «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон Китоби VII» нашр гардидаанд, аз лиҳози мазмуну муҳтаво то андозаи муайян ҳадафҳо, вазифаҳо, самтҳои фарогир ва дигар талаботи илмии лоиҳаро инъикос намудаанд.

Ҳамчунон, дар соли 2017 натиҷаи таҳқиқотҳои илмии ходимони ПИТФИ ва дигар муҳаққиқони соҳаи китобдорӣ дар самти равандҳои инноватсионии фаъолиятҳои китобдорӣ-иттилоотӣ дар маҷмӯаи мақолаҳо таҳти унвони «Таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанги миллӣ» ба табъ расид. Дар ин маҷмӯа оид ба зуҳуроти инноватсионӣ дар соҳаи фарҳанг 8 таълифоти илмӣ нашр гардидааст, ки аз ин шумора 2 номгӯи онҳо фарогири соҳаи китобдорианд. Дар ин таҳқиқотҳо вазъи воқеии ҷараёни амалӣ гардидани фаъолиятҳои фановарӣ дар пажуҳишгоҳ ва бархе аз китобхонаҳои кишвар бо дарҷи маводи зиёди оморӣ ва таҳлилу пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ мавриди баррасию таҳлил қарор дода шудааанд.

Дарҷаш ба маврид аст, ки соли сеюми татбиқи лоиҳаи мазкур, ки ба соли 2018 рост меояд, аз лиҳози равиш ва шиддати пешбурди таҳқиқотҳои илмии фарогири мавзӯи равандҳои фаъолияти инноватсионии китобдорӣ-иттилоотӣ, соли бобарор ва сермаҳсултарин маҳсуб меёбад. Илова ба ин, дар ин сол, ҳамчунин натиҷаҳои татбиқи лоиҳа маҷмӯаи мақолаҳои илмии муҳаққиқони соҳаҳои китобдори-иттилоотӣ таҳти сарлавҳаи «Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ» интишор гардид, ки дар он 25 таҳқиқотҳои боарзиши муҳаққиқони соҳаи китобории тоҷик, ки фарогири ҷанбаи инноватсияи китобдорӣ-иттилоотианд, ҷой дода шудааст. Маҷмӯаи мазкур вобаста ба самти фарогирии раванди инноватсионишон дар фаъолияти китобдорӣ ба 3 фасл тақсимбандӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, дар фасли якум мақолаҳои ба масъалаи муҳимми замони муосир «Таҳқиқи фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳо» инъикос гардидаанд. Таҳқиқотҳои суратгирифтаи ин самт, асосан ҷанбаи назариявӣ дошта, дар онҳо воридшавии равандҳои гуногуни инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ҷумҳурӣ, зарурат, манфиат равандҳо ва роҳу усулҳои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳои мамлакат мавриди арзёбии илмӣ қарор дода шудаанд. Фасли дуюми маҷмӯа, ки фарогири 5 мақолаҳои илмӣ мебошад, таҳти унвони «Китобхонаҳои электронӣ ва ташаккули пойгоҳҳои рақамӣ дар Тоҷикистон» – мустаҷамъ гардида, дар он таълифотҳои илмӣ, натиҷаи таҳқиқотҳои назариву амалии ташаккули захираҳои рақамӣ дар ҷумҳурӣ арзёбӣ шудааанд. Қариб ҳамаи таҳқиқотҳои дар ин фасл ҷойдодашуда, масоили мубрами тақозои замони муосир, амсоли бунёд ва тарғиби захоири рақамӣ тавассути шабакаи Интернет, созмондиҳии сомонаҳои китобхонаҳо ва ҷараёнҳои гуногуни хадамоти иттилоотию библиографиро фаро гирифтаанд. Мақолаҳои дар фасли сеюми маҷмӯа нашршуда раванди татбиқи инноватсияи китобдорӣ ва ояндаи рушди онро инъикос карда, аз 11 адад таркиб ёфтааст. Дар ин мақолаҳо натиҷаи таҳқиқотҳои олимону мутахассисон ва унвонҷӯён оид ба татбиқи равандҳои инноватсионӣ, вазъ, дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он дар китобхонаҳо то андозаи муайян ҷамъбаст гардидааст. Умуман мақолаҳои дар ин маҷмӯа интишоршуда қимати илмии худро дошта, дар илмҳои китобдорӣ-иттилоотии муосири тоҷик ҳарфу каломи тозаанд, бо истилоҳи маъмул навоварии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Дар идомаи панҷ сол аз натиҷаҳои





Китоб ва китобхонаҳо ҳастанд, ки ҳаёту зиндагонии шахсеро возеҳ нишон медиҳанд ва ҷомеаи имрӯзаро ба асрҳову давронҳо мепайванданд, бо фарҳангу забони халқҳои дигар ошно месозанд ва бешубҳа пайвандгари инсоният ба шумор мераванд. Маҳз тавассути китобхонаҳо ганҷинаи маънавии ниёгонамон ҳифз ва нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Бинобар ин, мо кормандони китобхонаҳо пеш аз ҳама бояд барои дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Сарвари давлат саъю кӯшиш намоем. Барои ин ба мо лозим аст, ки аввал сатҳи дониши худ ва кормандони китобхонаамонро бо истифода аз техникаю технология, хизматрасониҳои нави соҳаи китобдорӣ мутобиқ ба пешрафти ҷомеаи муосир ба роҳ монем. Дар мадди аввал бояд 90% кормандони китобхона мутахассиси соҳа бошанд, то ки тавонанд талаботи хонандаи закии имрӯзаро оиди соҳаи китобу китобдорӣ қонеъ гардонда тавонанд.

Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар ҷомеаи муосир барои рушду равнақи илми муосири тоҷик, тарғиби адабиёти техникӣ, адабиёт дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, фароҳа-моварии феҳристҳои саноатӣ саҳми муносиб гузошта, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истифодабарандагони адабиёти илмӣ-техникӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун маркази ягонаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир бо ташаббуси бевоситаи Китобхонаи мазкур ва шуъбаи маркетинги китобхона, чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, аз ҷумлаи ҳашт конфронс, панҷ семинар ва чор Озмун аз рӯи се номинатсия, «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» бо иштироки васеи китобхонаҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ташкил ва баргузор намудааст.



ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ
«Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» 2014



ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВӢ
«Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» 2020



Ҳадаф аз баргузор намудани чорабиниҳои дар боло зикргардида имкон дод, ки мубодилаи афкор перомуни вазъи воқеии фаъолияти китобхонаҳо дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, муттаҳидсозии китобхонҳои ҷумҳурӣ, бахусус, воридшавии китобхонаҳо ба ҷаҳони муосири техникаю техналогия, вижагиҳои ҷомеаи иттилоотӣ, ҷамъоварӣ ва ҳифзу нигоҳдории сарватҳои иттилоотӣ, татбиқи низоми автоматикунонӣ дар фаъолияти китобхонаҳо, ҷалб намудани насли наврас, донишҷӯён, олимон, зиёиён, кормандони муассисаву ташкилотҳо ба китобхонаҳо мусоидат намуда, барои ташкил намудани китобхонаҳои электронӣ ва таъмини талаботи ҷомеаи муосир бо иттилооти фавриву зарурӣ, қадами устувор гузошт.

Китобхонаи давлатии патентию техникӣ давоми солҳои охир ҳамқадам бо замон барои фароҳамоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тарғибу ташвиқи мунтазами санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, адабиёт дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, хазинаи патентии китобхона, сари вақт қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истифодабарандагони китобхона бо истифода аз техникаю технологияи замони муосир хизматрасонии китобиро ба роҳ мондааст.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ Китобхона нақши муҳимро ҷиҳати ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ, рушди системаи иттилоотии илмию техникӣ, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории захираҳои иттилоотӣ бозидааст. То ин давра дар китобхонаи мазкур мунтазам хазинаи ҳуҷҷатҳои патентӣ, адабиёти илмию техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёриву техникӣ бо иттилооти нав пурра гардонида шуда, фароҳамоварии маводҳои зеринро ҷорӣ намудааст: адабиётҳои соҳаи техникӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқшиносӣ (бо тамоюли ҳифзи обектҳои моликияти саноатӣ, ихтироот, намунаҳои саноатӣ, моделҳои судманд, нишонҳои молӣ, нишонои хизматрасонӣ) дар дохил ва хориҷ аз ҷумҳурӣ батабърасида; бюллетенҳои расмии (дар нашрия қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба моликияти саноатӣ, объектҳои моликияти саноатӣ, созишномаҳои литсензионӣ ва ғайра ба нашр мерасанд) Маркази миллии патенту иттилооти ҶТ ва зиёда аз 185 давлатҳои ҷаҳон; маъхази маълумотҳое (ихтироот, арзномаҳои ихтироот, нишонҳои молӣ, созишномаҳои байналмилалӣ ва ғайра), ки аз ҷониби Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, Идораи патентии Аврупо, давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Иёлоти





***– дуюм,*** вусъати пайваста афзояндаи таблиғу ташвиқи равандҳои инноватсионӣ ва манфиатҳои онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи инсонӣ, минҷумла дар фаъолияти китобдорӣ шавқу рағбати олимони соҳаи китобдории тоҷикро низ ба таҳқиқи ин падидаи технологию назарӣ бештар ҷалб намуд.

Ин ду омил, дар маҷмӯъ барои афзоишёбӣ ва самарабахш шудани таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт мусоидат карда, илми китобдории тоҷикро ба марҳилаи сифатан нав – марҳилаи ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардидани он бароварданд. Аз ҷумла, тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи мавзӯи илмии «Равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ дар муҳити ҷаҳонишавии фарҳанг» (барои солҳои 2016-2020), ки қаблан аз ҷониби ходимони ПИТФИ омода ва барои маблағгузорӣ пешниҳод шуда буд, дар мавриди таҳқиқотҳои илмӣ қарор гирифтани қариб тамоми самту паҳлуҳои мухталифи назария ва амалияи фаъолиятҳои инноватсионӣ имкониятҳои фаровони моддӣ ва маънавиро фароҳам овард. Маҳз дастгирии моддӣ пайдо кардани таҳқиқотҳои илмии дар доираи лоиҳа матраҳшуда, имкон дод, ки олимону мутахассисони соҳаи китобдории ҷумҳурӣ бо камоли масъулият ба баррасию таҳқиқи самти барои ин соҳа нисбатан нав, вале ниҳоят муҳимму мубрам - инноватикаи фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ кӯшиш зиёд ба харҷ диҳанд. Ҷамъбасти натиҷаҳои татбиқи соли аввали амали лоиҳаи болозикр нишон дод, ки танҳо дар давоми як сол – соли 2016 аз ҷониби олимони соҳа оид ба ҷузъҳои гуногуни раванди инноватсионии китобдорӣ-иттилоотшиносӣ, дар маҷмӯъ 17 номгӯй таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли мақола омода ва дар силсиламаҷмӯаи илмии «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI» нашр карда шудааст. Таҳқиқотҳои анҷомдодаи муҳаққиқони соҳа, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи мазкур сурат гирифтаанд, фарогири масоили умдаи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои китобдорӣ-иттилоотӣ буда, дар онҳо ҷузъҳои таркибии раванди тадриҷан воридшавӣ ва мавриди истифода қарор гирифтани навгониҳои технологӣ, дастовардҳои услубӣ, назариявӣ, роҳҳои дар ҷараёни таълиму тадрис кор гирифтан аз бозёфтҳои инноватикӣ ва дигар паҳлӯҳои инноватсионии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат таври возеҳу равшан инъикос гардидаанд. Дар баробари ин, дар таҳқиқотҳои олимони соҳа, инчунин оид ба мушкилоту монеаҳои бо навгониҳои технологӣ, воситаҳои аёнию назарӣ муҷаҳҳазгардонии китобхонаҳои ҳудуди кишвар, аз қабили созмондиҳӣ ва тадриҷан ташаккулёбии кампютеркунонии китобхонаҳо, бунёди китобхонаҳои электронӣ, дастрасӣ ба онҳо, омӯзиш ва тарзу усулҳои истифодабарии технологияҳои инноватсиониро дар курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос ва семинарҳои назариявию амалӣ, ки ғолибан аз ҷониби созмонҳои байналмилалии дар соҳаҳои маориф, меҳнат, иқтисодиёту иҷтимоиёт ташкилу баргузор карда мешуданд, ибрози назар карда шудааст. Илова бар ин, муаллифони мақолаҳо ба масоили мубрами дар фаъолияти китобхонаҳо дар мадди аввал қарордошта – ташкили феҳристи электронӣ, мунтазам афзоиш додани нусхаҳои электронии китобҳои гуногунҷабҳаи захираҳои китобии китобхонаҳо, ба тақозои замон мутобиқгардонии феҳристу картотекаҳо, таъмини китобхонаҳо ва кормандони онҳо бо таваққуфгоҳҳои худкори корӣ, тақвияти моҳият ва мундариҷаи маркетинги китобдорӣ, такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии инноватикаи китобдорӣ, ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионии таълим дар донишкадаҳои китобдорӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Хусусияти вижагӣ ва самарабахши татбиқи лоиҳаи болозикр дар он зоҳир мешавад, ки пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ дар доираи фарогирии мавзӯи он сол то сол бештар вусъат ёфта, ҳамзамон феҳристи

Ба ин нигоҳ накарда, маҳз дар даҳсолаи аввали асри ҷорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се барномаи дахлдори фарогири зуҳуроти инноватсия: – «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015», «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006 –2015» ва «Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013»-ро қабул намуд, ки ҳарсеи ин ҳуҷҷатҳои давлатии меъёрӣ ҷанбаи фанофарӣ доштанд. Ин барномаҳои инноватсионӣ ҷиҳати дар мӯҳлатҳои пешбинишуда, бо технологияи навгонӣ муҷаҳҳаз кардани китобхонаҳои ҳудуди ҷумҳурӣ нақши муҳим бозиданд, ки натиҷаҳои татбиқи онҳо дар таҳқиқотҳои олимони соҳаи китобдории тоҷик инъикоси воқеӣ пайдо карданд. Илова бар ин, тайи ин солҳо таҳия, тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифтани чунин ҳуҷҷатҳои муҳимми саропо мазмуни навгонидошта дар соҳаҳои гуногуни фарҳанг, минҷумла соҳаҳои китобдорӣ-иттилоотӣ, амсоли «Бунёди Маркази захираҳои иттилоотии ҳуҷҷатишуда доир ба фарҳанг ва санъати халқи тоҷик барои солҳои 2011 – 2013», «Таъсис намудани объекти иттилоотии электронӣ оид ба фарҳанг ва санъати халқи тоҷик» (барои соли 2011), «WEB сайт ва бонки электронӣ оид ба санъат барои солҳои 2012 – 2014», «Созмондиҳии бойгонии иттилоотӣ оид ба фарҳанг барои солҳои 2013 – 2015», «Ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддии захираҳои иттилоотии ҳуҷҷатишудаи халқи тоҷик барои солҳои 2014 - 2016», «Созмондиҳии бойгонии иттилоотии илмӣ дар соҳаи китобдорӣ барои солҳои 2015 - 2017» махсули навофариҳои мутахассисони соҳаҳои зикргардида мебошанд, ки дар мустаҳкам гардидани пояҳои меъёрии ҳуқуқии рӯ ба самти рушд нигаронидашуда, мақоми хос доштанд.

Махсусан, дар даҳсолаи аввал ва нимаи якуми даҳсолаи дуюми асри нав чунин китобҳои илмӣ ва таълимию методии навофаронаи муҳаққиқони соҳаи китобдории ҷумҳурӣ: «Истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти китобхонаҳо», «Менеҷмент ва маркетинги фаъолияти китобдорӣ», «Менеҷменти фаъолиятҳои китобдорӣ ва иттилоърасонӣ», «Китобхонаҳои электронӣ», инчунин дар чопи саривақтӣ ва номаҳдуди таълифотҳои илмии муҳаққиқони соҳаи китобдорӣ арзи ҳастӣ кардани силсилакитобҳои «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон», «Осор» [Осори таҳқиқотии ходимони илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (минбаъд ПИТФИ)] нақши вижа ва муассир доштанд.

Маҷмӯан, тайи солҳои 2005-2015 муҳаққиқони соҳаи китобдории кишвар дар самти инъикоси вазъи воқеӣ фазои илмии соҳа, мазмуну мундариҷа ва моҳияти ба маҷрои инноватсионӣ воридшавии соҳаи китобдорӣ, хусусан равандҳои инноватсионии фаъолияти китобдорӣ сол то сол бештар иқдом варзида, комёбиҳои назаррасро соҳиб гардиданд.

Вале шурӯъ аз соли 2016 пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ дар самти назария ва амалияи равандҳои пайдоиши фанофарӣ ва фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдории тоҷик ва таъсири он дар рушди ин соҳа вусъат ва сатҳу сифати ба худ хос пайдо намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар фаъолгардии таваҷҷуҳи олимони тоҷик ба зуҳуроти фановарӣ, ба андешаи мо ду омили асосӣ таъсири амиқ расонидаанд:

***– якум,*** дастгирии сатҳи давлатии соҳа, дар асари татбиқи барномаҳои давлатии фарогири соҳаи китобдорӣ, ки тавассути ворид гардидани навгониҳои технологӣ пояҳои моддию техникии китобхонаҳои кишвар тақвият ёфта, афзалиятҳои истифодаи навофариҳоро дар таҷрибаи китобдорӣ тасбит карда, барои пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ барои муҳаққиқон маводи фаровони илмиро фароҳам оварданд;





муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса, Япония, Белгия, Лихтенштейн, Люксембург, Нидерландия, Швейтсария дар гирдаҳои оптикӣ, бароварда мешаванд.

Ташкили захираҳои иттилоотӣ, ки дар замони муосир ба он компютерҳо, маводҳои барномавӣ, манбаҳои иттилоотии электронӣ илова гардидаанд, ба Китобхонаи техникӣ имкон дод, ки хазинаро бо захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ пурра гардонад. Бояд қайд намоям, ки утоқҳои кории кормандони китобхона бо техникаю технологияи замонавӣ таъмин буда, пайваста кушиш ба харҷ медиҳанд, ки дар баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии истифодабарандагони Китобхона саҳмгузор бошанд.

Дар ин раванд бунёди манбаи электронии «ИРБИС» шурӯъ аз соли 2000 инҷониб ба инкишофи низоми электронии пахши иттилоот, таҳияи феҳристи электронии ҳама намудҳои табъу нашр, пайвастшавӣ ба шабакаи ҷустуҷӯии патентию иттилоотии «ЕАПАТИС».






Хазинаи рисолаҳои номзадӣ ва доктории Китобхонаи давлатии Руссия www.rsl.ru, Китобхонаи вертуалии (маҷозии) Тоҷикистон www.tajikistan VSL.org, таъсиси сомонаи Китобхона www.kdpt.ti ва дигар сомонаҳои дохил ва хориҷи кишвар имкон дод, ки тарғиботи васеи хазинаи Китобхона бо истифода аз технологияи муосир ба роҳ монда шавад. Имрӯз муҳимтарин омили пешрафти ҷомеа соҳиби дониш ва иттилооти фаровон будан аст. Иттилооту дониш бошад, асосан бо роҳи мутолиаи китоб ва дигар воситаи илмию адабӣ ба даст меояд.

Махсусан, ҷорӣ гардидани системаи «ИРБИС» дар Китобхона барои зуд ва босифат дастрас гардидани иттилооти дар хазина буда, сари вакт ба хонандагон ба таври озод хизмат расонидан, шароит фароҳам меорад. Бешубҳа, омӯзиши асосҳои донишҳои муосир бо истифода аз дастгоҳҳои анъанавӣ ва электронӣ барои устувор гардонидани майлу рағбати китобхонӣ шароит муҳайё месозад.

Имрӯзҳо барои сайқал додани сомонаи Китобхона аз ҷониби Роҳбарияти Китобхона як қатор корҳо ба нақша гирифта шуда, иҷрои он ба зиммаи кормандони шуъбаи автоматикунонии КДПТ вогузор карда шудааст.

Тибқи дастури Сарвари давлат оид ба дар муассиса ва корхонаҳо ба роҳ мондан ва аз худ намудани забонҳои хориҷӣ, дар Китобхонаи давлатии патентию техникӣ тарбияи кадрҳои баландихтисос бо омӯзондани технологияи муосири иттилоотӣ, забономӯзӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст. Бахусус, таи панҷсолаи охир бо ибтикори Роҳбарияти Муассиса курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ (англисӣ, русӣ, забони адабии тоҷикӣ) ба кулли кормандони Муассиса ройгон таъсис дода шуд. Дар ин радиф кормандони Китобхона низ дар курсҳои бозомӯзӣ иштирок намуда, барои баланд бардоштани савияи забондонии худ саъю кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

Нақш ва мароми Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар ҷомеаи имрӯза барои таъмини рушди соҳаҳои мухталифи кишвари азизамон, бахусус фаъолияти инноватсионӣ, ташкил ва гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва омӯзиши комили моликияти зеҳнӣ хеле беназир ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ибораи дигар идоракунии комили низоми милллии ҳифзи ҳуқуқи объектҳои моликияти зеҳнӣ, хазинаи иттилоотии Китобхона барои ба танзим даровардани бозори рақобатӣ ва рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Бинобар ин, имрӯзҳо ҳар як корманди Китобхона пайваста саъй менамояд, ки аз донишҳои муосир бархурдор ва баҳри рушду нумӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳмгузор бошад.










## ТАҲҚИҚИ ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШ, ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИННОВАТСИЯ ДАР СОҲАИ

# КИТОБДОРИИ ТОҶИК

Асри XX бо азимтарин кашфиёту ихтирооти воқеан беназиру фавқулоддааш бо номҳои «асри муҳаррикҳо», «асри таҳаввули заковати инсон», «асри ромшавии атом», «қарни фатҳи кайҳон» ва умуман, вобаста ба самтҳои ҳаёти ҷомеа боз бо даҳҳо ташбеҳу тавсифҳои дигар, ки дар саргаҳи онҳо «асри инқилоби бузурги илму техника» қарор гирифтааст, дар таърихи аҳли башар ҷой ва мақоми хоси худро пайдо кардааст. Дар ҳамин садсола туфайли ихтироъҳои бесобиқаи техникию технологӣ фарҳанги истилоҳҳои техникӣ бо садҳо калимаю ибораҳои нав такмилу ғанӣ шудааст, ки дар ин радиф калимаи «инноватсия», бо мазмун ва муҳтавои фавқулодда васеаш, на танҳо дар илмҳои ҷанбаи техникидошта, инчунин дигар илмҳои замони муосир низ мавкеъ ёфта, устувору мустақар гардидааст. Аз ҷумла, ҳамчун истилоҳи нав ҷиҳати ифода кардани мазмуну мундариҷаи ба худ хос, ин калима ба илмҳои соҳаҳои китобдорӣ-иттилоотии мамолики рушдкардаи ҷаҳон дар нимаи дуюми асри гузашта ворид шуда бошад, пас пайдошавии он дар ҳамин соҳаҳои илми тоҷик дар оғози даҳсолаи аввали асри XXI ба вуқӯъ пайваста, дар ибтидо муҳаққиқони соҳаи китобдории тоҷик дар раванди таҳқиқотҳои илмиашон дар истифодаи он истиҳола карда, аз он ниҳоят кам ва беҷуръатона кор мегирифтанд. Ба андешаи мо, сабаби чунин истиҳола ва беҷуръатии олимон ва муҳаққиқони тоҷик дар корбарӣ ё пешбурди таҳқиқотҳои махсуси фарогири ин самт дар даҳсолаи аввали асри нав, агар аз як тараф, ба соҳаи китобдорӣ бо суръати ниҳоят паст воридшавии технологияҳои навгонии китобдорӣ-иттилоотӣ бошад, аз тарафи дигар, дониши номукамал ва то ҳанӯз аз ҷониби онҳо дар сатҳи зарурӣ дарку эҳсос накардани мазмуну моҳияти амалии ин зуҳуроти комилан нави технологию назариявӣ ифода меёфт. Ин манзурро теъдоди ниҳоят ками таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони соҳаи китобдории кишвар дар даҳсолаи аввали асри нав тасдиқу тақвият мебахшад.